**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 338.4:67(575.3)**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***



**НУРИДДИНЗОДА АҲЛИДДИН НУРИДДИН**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ ТАЪМИНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ

(дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ
(08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)

**Душанбе - 2024**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Шарифзода Бахром Маҳмуд,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) дар ш. Душанбе

**Муҳсинова Парвина Абдулқосимовна**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии бизнес, ҳуқуқ ва сиёсати Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия санаи «19» 02 соли 2025 соати 13.00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, (бо суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхона ва сомонаи расмии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, web.ttu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» _________с. 2025 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Ашурзода А.Н**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муҳимтарин масъалаҳои рушди иқтисодии кишвар маҳсуб меёбад. Баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ барои фаъолияти самараноки онҳо аҳамияти хос дорад. Ин раванд таҳлили мунтазами омилҳои таъсиргузорро талаб намуда, ба дарёфти роҳҳои нави такмили рақобатпазирии ин корхонаҳо равона шудааст.

Шарти зарурии фаъолияти самараноки корхонаҳои саноатӣ дар шароити афзоиши рақобат қобилияти онҳо дар самти истеҳсоли маҳсулоти баландсифат маҳсуб меёбад. Дар ин росто, мафҳуми сифат на танҳо мувофиқати тавсифҳои маҳсулотро ба талаботи истеъмолкунандагон дар бар мегирад, балки қобилияти корхонаро дар самти истеҳсоли пайваста ва устувори маҳсулот дар мӯҳлатҳои муайяншуда фарогир аст.

Дар шароити муосир дар назди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини рақобатпазирӣ ва рушди устувори онҳо дар заминаи модели нави инкишофи стратегӣ гузошта шудааст.Аз ин лиҳоз, бояд қайд кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 изҳор карданд, ки “бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад”[1].

Дар баробари ин, дар корхонаҳои саноатии мамлакат як қатор мушкилоти муҳим, аз ҷумла сатҳи пасти маҳсулнокии меҳнат, ҳаҷми нокифояи сармоягузорӣ барои коркард ва ҷорисозии инноватсияҳо, фондҳои истеҳсолии кӯҳнашуда, рушд наёфтани низоми идоракунии стратегӣ ва амсоли инҳо ҷой доранд.

Мавриди зикр аст, ки таъмини рақобатпазирии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ яке аз ҳадафҳои муҳими субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ маҳсуб ёфта, асосноккунии равишҳои муосирро доир ба таҳияи маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати баландбардории афзалияти рақобатии онҳо тақозо менамояд. Аз ин рӯ, дар шароити муосири пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат хеле саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Таҳлили адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои умумии назариявӣ-методологии таъмини рақобатпазирии корхонаҳо дар корҳои муҳаққиқоне, чун Р. Кантилон, А. Смит, Ж.Б. Сэй, Й. Шумпетер ва Д. Рикардо дида мешавад. Саҳми назаррасро дар ҳалли масъалаҳои идоракунии корхонаҳо дар сатҳи макроиқтисод, мезоиқтисод

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018. http://prezident.tj/node/19088

ва микроиқтисод олимоне, чун Ҷ.М. Кейнс, А.Маршалл, М. Фридмен, Ф.Хайек, К.Эрроу ва дигарон гузоштаанд.

Мақоми махсусро дар ҳалли масъалаҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳо корҳои олимони рус, чун Абалкин Л.И., Агеев А.И., Будрина Е.В., Бычков В.П., Гордина Ю.В., Логинова Н.А., Минко Р.Н., Петрова А.М., Раздорожний А.А., Троиский Н.А., Туревский И.С., Федоров В.А., Чубуков А.Б. ва дигарон ишғол намудаанд.

Баъзе ҷанбаҳои рушди фаъолияти корхонаҳо ва таъмини самарнокӣ ва рақобатпаирии онҳо аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик, чун академикҳо Раҳимов Р.К., Қаюмов Н.Қ. ва Назаров Т.Н., узви вобастаи АМИТ Саидмуродзода Л.Ҳ., инчунин Раҳимзода Ш., Рауфӣ А., Хоналиев Н.Х., Катаев А.Ҳ., Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Сафоев А.К., Қодиров Ф.А, Махкамов Б.Б., Рабиева Т.Н., Шарифзода Б.М. ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Ба мубрамияти ҳалли масъалаҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ нигоҳ накарда, баъзе ҷанбаҳои назариявӣ-методологии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нав ташаккул ёфта истодаанд. Ҳолати мазкур муқаррарсозии заминаҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои саноатӣ, инчунин асосноккунии самтҳои стратегӣ ва механизми дастгирии давлатии онро бо дарназардошти арзёбии омилҳои берунӣ ва дохилӣ тақозо менамояд, ки ба самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ таъсири назаррас мерасонанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат дар заминаи татбиқи стратегияву барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин таҳия гардидааст: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2040, Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (бахши илмҳои иқтисодӣ-бандҳои 1,7,8).

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** тақвияти равишҳои консептуалӣ ва мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ мебошад, ки самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркардро дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноилгардӣ ба мақсади кори диссертатсионӣ чунин вазифаҳо муайян ва ҳал гардидаанд:

– ҷанбаҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таҳқиқ гардида, шароит ва

омилҳое, ки ба таъмини рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунанд, муайян карда шаванд;

– таҳлил ва арзёбии ҳолати рушди соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт;

– баррасии ташкили кластерҳои саноатӣ ҳамчун механизми баландбардории рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркард;

– муайян кардани роҳҳои асосии мукаммалсозии механизмҳои инстутсионалӣ ва ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– пешниҳоди самтҳои асосии таъмини самаранокӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркард дар шароити саноатикунонии босураъат.

**Объекти таҳқиқот** корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти мамлакат мебошанд.

**Мавзӯи таҳқиқот** муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва идоракуние мебошанд, ки дар раванди таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард ҳамчун унсурҳои муҳими низомофари корхонаҳои саноатӣ баромад мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ дар корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муҳими баландбардории рақобатпазирии онҳо дар шароити шиддатёбии рақобат, махсусан аз ҷониби истеҳсолкунандагони хориҷӣ, барои таъмини саноатикунонии босуръат ва рушди устувори инноватсионии иқтисодиёти миллӣ, ҳамчун замина барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар мусоидат мекунад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2024 омода гардид.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва консептуалии механизми таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, ҳамзамон татбиқи асосҳои методӣ ва таҷрибаи хориҷии таъмини рақобатпазирӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ, мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳо, ҳисоботҳои илмӣ, ки ба масоили мубрами таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ нигаронида шудаанд, ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, барои ноилгардӣ ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои зерин истифода гардидаанд: таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ, эконометрикӣ ва сохторӣ-функсионалӣ, ки аз принсипҳои объективият ва муназзамии илмӣ сарчашма мегиранд, инчунин усулҳои умумиилмӣ ба монанди таҳлил ва синтез.

**Сарчашмаи маълумотро** натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва таъмини рақобатпазирии онҳо, дастурамалҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаҳои расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, таҳлилҳои ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва марказҳои тадқиқотии ватаниву хориҷӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар рушди асосҳои назариявӣ-методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодӣ иборат аст, ки дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд:

- муаллиф мафҳуми “рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ”-ро ҳамчун “маҷмӯи имкониятҳо ва афзалиятҳо дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоте, ки асоси рушди устувори дарозмуддат мебошад” пешниҳод намудааст. Инчунин, мафҳуми механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирӣ ҳамчун “маҷмӯи усулҳо, воситаҳо, фишангҳо ва шаклҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, ки бо истифода аз онҳо корхонаи саноатӣ сатҳи рақобатпазирии худро баланд мебардорад” тавсиф шудааст;

– хусусиятҳои рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва роҳҳои таъмини рақобатпазирии фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд, ки барои нишон додани аҳамияти хоси он баҳри ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат имконият фароҳам сохт;

– омилҳои асосии манфие, ки рушди корхонаҳои саноати коркардро бозмедоранд, муайян карда шуда, тавсияҳо барои рушди инфрасохторҳои институтсионалӣ, сармоягузорӣ, молиявӣ-қарзӣ, нақлиётӣ-логистикӣ, истеҳсолӣ-фурӯшӣ, иттилоотӣ-маркетингӣ ва илмӣ-технологии ин корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

– механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таҳия шуда, низоми самараноки рушди он пешниҳод гардидааст. Ин механизм унсурҳои асосии инфрасохтори институтсионалӣ-ҳуқуқӣ, молиявӣ-қарзӣ, сармоягузорӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, инноватсионӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истеҳсолӣ-фурӯшӣ, илмӣ-техникӣ, нақлиётӣ-логистикӣ, кадрӣ, маркетингӣ ва экологии корхонаҳои саноатиро дарбар мегирад.

– афзалиятҳои стратегии рушди корхонаҳои саноати коркард муайян шуда, самтҳои асосии такмили низоми тадбирҳои институтсионалии дастгирии давлатии инкишофи корхонаҳои саноатӣ пешниҳод гардидаанд. Инҳо истифодаи ҳамаҷонибаи захираҳои ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ,

ҷамъиятӣ, таълимӣ ва тиҷоратиро пешбинӣ намуда, барои фароҳам сохтани шароитҳои мусоид баҳри рушди истеҳсолоти саноати коркард равона шудаанд.

– механизми консептуалии такмилёфта барои ҳамкории мутақобилаи институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои истеҳсолӣ таҳия гардидааст. Инчунин, механизми баҳодиҳии самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ пешниҳод шудааст, ки ташаккули низоми бисёрсатҳаи дастгирӣ ва рушди корхонаҳои саноати коркардро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– рушди асосҳои назариявӣ-методологӣ ва таснифи муаллифӣ оид ба мафҳумҳои "рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ" ва "механизми ташкилӣ-иқтисодии" таъмини он;

– хусусиятҳои рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва роҳҳои таъмини рақобатпазирии фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– омилҳои асосие, ки ба рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркардро таъсир мерасонанд;

– механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ;

– афзалиятҳои стратегии рушди корхонаҳои саноати коркард;

– механизми консептуалии такмилёфтаи ҳамкории мутақобилаи институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои фаъолияти истеҳсолӣ дар самти саноати коркард.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он таҷассум меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда ҳангоми таҳияи тавсияҳо баҳри таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард истифода шуда метавонанд. Аҳамияти амалии кор дар он таҷассум меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳия ва мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат истифода шуда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мувофиқат мекунад: 1. Таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нав, мутобиқсозии мавҷуди онҳо дар амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 2. Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди

истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; 16. Ташаккули механизмҳои рушди устувори иқтисодиёти соҳаҳои саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ. Арзёбӣ ва суғуртакунии хавфҳои субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ;18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика, самаранокӣ; 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, густариши инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Проблемаҳо ва дурнамои рушди кластерҳо дар саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 28. Равишҳои назариявию методологӣ доир ба таъсиси низоми назоратӣ дар корхонаҳои соҳаи саноат ва энергетика; 37. Минтақаҳои саноатӣ ва шаҳракҳои саноатӣ. Нуқтаҳои рушди саноатӣ ва истифодаи самараноки иқтидори саноатӣ ва энергетикӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Пешниҳодоти муаллиф дар самти мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат назаррас хоҳад буд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар намуди маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ, ҳамоишҳо ва семинарҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар дар солҳои 2019-2024 баррасӣ гардидаанд. Инчунин, натиаҳои таҳқиқот дар конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои стратегии таъмини рушди устувори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ», Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Душанбе, 2024, (14-уми октябри соли 2024), конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ” дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодиети Тоҷикистон (Душанбе, 7 декабри 2023), конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ”, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Душанбе, с.2022), конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ “Омодасозии кадрҳо бо ҳадафи рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, (Душанбе: 10 апрели соли 2020), конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тамоюлҳои муосири муносибатҳои молиявӣ-карзӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодӣ», Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, Душанбе (15 феврали соли 2020) илова гардиданд.

Муқарраротҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (Санади татбиқ, №147 аз 05.11.2024 ), Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Санади

татбиқ, № 214 аз 14.10.2024) ва дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси донишҷӯён аз рӯйи фанҳои “Иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ”, “Иқтисоди корхона”, “Иқтисодиёти соҳибкорӣ”, “Банақшагирии фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории корхонаҳо” ва ғайраҳо истифода гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаҳо нашр шудааст, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тависия шудаанд, ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 207 номгӯ иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар ҳаҷми 225 саҳифаи чопии компютерӣ навишта шуда дар он 16 ҷадвал, 8 расм ва 10 диаграммаҳо ва замимаҳо инъикос ёфтаанд.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯъ ва дараҷаи таҳқиқоти он, мақсад ва вазифаҳои асосии тадқиқот, объект ва предмети таҳлил, фарзияи тадқиқот, инчунин асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқот ба таври мушаххас асоснок карда шудаанд. Сарчашмаҳои иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳо низ баррасӣ гардида, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин татбиқи натиҷаҳо дар амал нишон дода шудаанд. Инчунин интишорот ва сохтори диссертатсия муаррифӣ гардидаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия - «Ҷанбаҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ»** асосҳои назариявии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир, шароитҳо, омилҳо ва принсипҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва амалисозии стратегияи таъмини рақобатпазирии корхонаи саноатӣ бо истифода аз механизми ташкилӣ-иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар диссертатсия таҳаввули назарияҳо оид ба рақобат аз давраҳои қадим то ба замони муосир баррасӣ шудааст. Таҳлил нишон дод, ки рушди истеҳсолоти саноатӣ дар баробари афзоиши рақобат ба ташаккули асосҳои назариявӣ ва методологӣ оид ба моҳияти рақобатпазирӣ, инчунин корхонаҳои саноатӣ асос гузошт, ки дар асарҳои А. Смит, Д. Рикардо, А. Маршалл, Д.М. Кейнс, Й. Шумпетер инъкос гардидаанд. Дар ин раванд консепсияҳои илмӣ оиди рақобат ба монанди “афзалияти мутлақ”, сипас “афзалиятҳои муқоисавӣ” асоси назариявии савдои байналмилалиро ташаккул дод, ки ин консепсияҳои классики рақобатпазириро аз фарқиятҳои табиии асос мекарданд.

Сипас, консепсияи Ҳекшер-Олин рақобатпазирии иқтисодиётро бо бартарии муқоисавӣ, ки бо қобилияти истеҳсоли мол бо арзиши камтар нисбат ба молҳое, ки дар дигар кишварҳо истеҳсол мешавад, инчунин бо тасъсири лаппишҳои қурби воқеии асъори миллӣ ва ҳориҷӣ алоқаманд мекард. Мувофиқи консепсияи М.Портер рақобатпазириро на аз қобилияти иқтисодиёт,

балки аз фурӯши маҳсулот, ки ба омилҳои дигар асос меебад, ба даст овардан мумкин аст.

Тадқиқоти назариявии муаллифи рисола дар раванди таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ имконият дод, ки раддабандии консепсияҳои гуногуни он, ки аз тарафи олимони хориҷӣ коркард гардиданд, пешкаш гардад. Инчунин:

- назарияи Портер, оид ба стратегияҳои рақобатпазирӣ, ки тавассути кам кардани хароҷот ва ё тавассути диверсификатсияи маҳсулот амалӣ мегардад;
- назарияи Барни, ки ба моделҳои ба манбаъҳо асосёфта (RBV), ки афзалияти рақобатпазирии дарозмуддат тавассути истифодаи самараноки манбаъҳои нодир ва душвордастовар ба даст оварда мешавад;
- тақвияти қобилиятҳои динамикӣ, ки зарурияти мутобиқшавии корхонаро ба тағйиребии бозор ва инноватсияҳо таъкид мегардад (консепсияи Тенсе, Пизано, Шуен);
- истифодаи инноватсияҳо ҳамчун манбаи афзалият, ки равандҳои навовариро барои рақобатпазирии устувор муҳим медонад (консепсияи Шумпетер);
- консепсияи “Lean”, ҳамчун модели коҳиши талафот ва баланд бардоштани самаранокии амалиётии корхонаҳо истифода мегардад (консепсияи Вомак ва дигарон);
- консепсияи маҳдудиятҳо, ки рушди ҳосилнокиро тавассути бартараф кардани нуқтаҳои маҳдудкунанда дар равандҳои истеҳсолӣ дида мебарояд (консепсияи Голдратт);
- консепсияи рақобатпазирии байналмилалӣ ва ҷаҳонишавӣ, ки мутобиқшавии корхонаҳоро ба шароити бозори ҷаҳонӣ пешкаш кардааст (Кругман);
- консепсияи кластерҳо, ки рақобатпазирии на фақат корхонаҳои саноатӣ, балки минтақаҳо ва кишварро тавассути фаъолияти ҳамоҳангшудаи кластерӣ тақвият мебахшад (Портер);
- консепсияи рақамикунӣ ва автоматикунонӣ, ки афзоиши самаранокӣ ва рақобатпазириро тавассути ворид намудани технологияҳои рақамӣ ва автоматикунонӣ дар равандҳои истеҳсолӣ асос мекунад (Бриньолфсон, Макафи);
- консепсияи Industry 4.0, ки ба ворид намудани системаҳои киберфизикӣ ва интернет дар истеҳсолот асос меебад (Кагерманн ва дигарон) ва ғайра.

Яъне, дар маҷмӯъ, таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ба ташкили стратегияи рушд бо истифода консепсияҳои гуногун, истифодаи воситаҳо ва манбаъҳои дохилӣ ва берунӣ, таъмини самаранокии амалиётӣ ва логистика, фуруши маҳсулот, истифодаи инноватсияҳо ва мутобиқшавӣ ба талаботи бозори ҷаҳони доҳилӣ ва ғайра вобаста аст.

Аз таҳлили муаллиф оиди гуногунии мафҳуми "рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ", ки аз ҷониби олимони ҳориҷӣ ва ватании муосир

пешниҳод гардидаанд( дар асоси Ҷадвали 1.2 дар рисола), чунин хулобардорӣ шудааст:

- тафовутҳо дар таърифҳо аз равиши таҳлили ҷой дорад. Масалан, Бабенко Д.Н. ва Бондаренко О.А. бештар ба афзалиятҳои стратегӣ ва захиравӣ онҳо аҳамият медиҳанд, дар ҳоле ки Фатхутдинов Р.А. ва Черкасов В.А. рақобатпазириро ҳамчун қобилияти корхона барои таъмин кардани талаботи бозор бо маҳсулоти рақобатпазир мебинанд.

Дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, инчунин Раҳимов Р.К., Қаюмов Н.К., Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Розиков В.А., Рахимзода Ш., Мухаббатов Х.М., Сафаров С.Г., Хоналиев Н., Сафоев А.К. равишҳои кластерӣ, соҳавӣ ва байнисоҳавӣ, инвеститсионӣ, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ-саноатӣ дар раванди таҳқиқи рақобатпазирӣ истифода карда шуданд.

Дар раванди тадқиқоти назариявӣ, муаллиф мафҳуми рақобатпазирии корхонаҳои саноатиро ҳамчун маҷмӯи имкониятҳо ва афзалиятҳо дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоте, ки барои таъмини қобилияти истодагарӣ, самаранокӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи бозор ва муҳити беруна, заминаи рушди устувори дарозмуддат мебошад” пешниҳод кард. Назар ба мафҳумҳои дигар он дорои ҷанбаҳои муҳим барои муайян кардани қобилияти рақобатпазирии корхонаи саноатӣ дар муҳити рақобат, мутобиқшавии он ба шароити тағйирёбандаи бозор ва муҳити беруна, таъмини самаранокии фаъолият ва нигоҳ доштани рақобатпазирии он барои мақсадҳои дарозмуддат мебошад.

Дар асоси таҳсили адабиёти илмӣ муаллиф дар таҳқиқот механизми ташкиливу иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва унсурҳои онро пешниҳод намудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Механизми ташкилию иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар сатҳи корхонаи саноатӣ ва унсурҳои он**

| **Унсурҳои асосӣ** | **Воситаҳо ва фишангҳои он** | **Таъсир ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ** |
|---|---|---|
| Дастгирии давлатӣ | Субсидияҳо ва дотацияҳо<br>Имтиёзҳои андозӣ<br>Сармоягузорӣ ба инфрасохтор<br>Имтиёзҳои молиявӣ барои содироткунандагон<br>Барномаҳои давлатӣ, масалан, бренди "Истеҳсоли Тоҷикистон" | •Коҳиши хароҷоти истеҳсолӣ ва оператсионӣ<br>•Афзоиши дастрасӣ ба сармоягузорӣ<br>•Рушди инноватсияҳо ва модернизатсия |
| Ҷузъи молиявӣ-иқтисодӣ | Идоракунии хавфҳои асъорӣ (хеджиронӣ, стратегияҳои асъорӣ)<br>Воситаҳои қарзӣ ва молиявӣ (қарзҳои дастрас, бозорҳои молиявӣ)<br>Идоракунии хароҷот ва нархгузорӣ | Оптимизатсияи хароҷотҳо<br>Баланд бардоштани даромадноки ва устуворӣ ба тағйироти асъорӣ |
| Ҷузъи рушди технологӣ | Сармоягузорӣ ба НИОКР (таҳқиқоти илмӣ ва корҳои таҷрибавӣ-таҳиявӣ)<br>Инноватсияҳои технологӣ ва навсозии таҷҳизот<br>Воридоти технологияҳо ва ноу-хау<br>Автоматизатсия ва рақамисозии | Баланд бардоштани ҳосилнокӣ<br>Беҳтар намудани сифати маҳсулот<br>Коҳиши арзиши аслии истеҳсолот |

| | | |
|---|---|---|
| | истеҳсолот | |

*Идомаи ҷадвали 1.*

| | | |
|---|---|---|
| Ҷузъи сармояи инсонӣ | Тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳо<br>Барномаҳои ҳавасмандкунии кормандон<br>Ҷалби мутахассисони баландихтисос | Баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон<br>Афзоиши самаранокии меҳнат<br>Фаъолияти инноватсионии кадрҳо |
| Ҷузъи стратегияҳои маркетингӣ ва фурӯш | Рушди стратегияҳои содиротӣ (расонидани бевосита, ширкат дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ)<br>Диверсификатсияи бозорҳои фурӯш<br>Сохтани брендҳои ҷаҳонӣ<br>Таҳияи стратегияҳои рақобатпазирӣ оид ба нархгузорӣ | Афзоиши ҳисса дар бозорҳои байналмилалӣ<br>Баланд бардоштани шиносоӣ ва обрӯи бренд<br>Ҷалби мизоҷони нав |
| Ҷузъи идоракунии сифати маҳсулот | Стандартҳои сифат (ISO ва дигар стандартҳои байналмилалӣ)<br>Назорати сифат дар ҳамаи марҳилаҳои истеҳсолот<br>Шаҳодатномаи маҳсулот | Баланд бардоштани эътимоди истеъмолкунандагон<br>Баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозорҳои хориҷӣ<br>Коҳиши баргардонидан мол ва шикоятҳо |
| Ҷузъи идоракунии захираҳо ва логистика | Оптимизатсияи занҷираҳои таъминот<br>Рушди инфрасохтор (марказҳои логистикӣ, нақлиёт)<br>Коҳиши хароҷот барои ашёи хом ва мавод | Коҳиши хароҷоти операционӣ<br>Баланд бардоштани чандирӣ дар идоракунии захираҳо<br>Беҳтар кардани суръати расонидани маҳсулот |
| Ҷузъи таъсири муҳити беруна | Сиёсати асъорӣ ва тағйирёбии қурби асъор<br>Созишномаҳои байналмилалии тиҷоратӣ<br>Танзим ва стандартҳои бозорҳои хориҷӣ | Шароити содиротро муайян мекунад<br>Таъсир ба сиёсати нархгузорӣ ва арзиши аслии маҳсулот<br>Зарурати мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Рушди муносибатҳои бозорӣ ва роҳандозии сиёсати дарҳои кушод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси он гардид, ки корхонаҳои саноати айни замон шиддатнокии баланди рақобати дохилӣ ва беруниро аз сар гузаронида истодааст. Шароите, ки ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таъсир мерасонанд, аз тарафи муаллиф ба се гуруҳи асосӣ, инчунин ҷаҳонӣ, соҳавӣ ва дохилии корхона гуруҳбандӣ гардидаанд.

**Таҳқиқи шароити ҷаҳонӣ**, аз он ҷумла чунин падидаҳо ба монанди дигаргунии вазъи иқтисодӣ ҷаҳонӣ ва бозорҳои байналмилалии молу сармоя ва меҳнат, дастрасӣ ба имкониятҳои бозорҳои глобалӣ, тамоюлҳои нав вобаста ба тағиребии иқлим ва экологӣ, фаъолият дар шариоити узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС), ки ба раванди таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таъсири худро мерасонад бояд ба инобат гирифта шавад. Ба рақобатпазирии корхона низ **шароити соҳавӣ**, ки бо имконияти дохилшавии корхонаҳои навтаъсис дар бахши саноатӣ, танзими зиддимонополӣ ва рақобати бозор, ки барои рушди самарабахши рақобатпазирии корхонаҳои саноатии бузург, миена ва хурд вобаста мебошад, алоқаманд аст. **Шароити дохилии корхонаҳои саноатӣ** аз сатҳи идоракунӣ, ташкили истеҳсолот, истифодаи самараноки навовариҳо ва захираҳои мавҷуда, таъминоти молиявӣ ва устувории он вобастагӣ дорад.

Принсипҳои таъмини ракробатпазирии корхонаҳо, ки ҳамчун роҳнамо баромад мекунанд, чунинанд:

-принсипи мутобиқшавӣ ва тағйирпазирӣ;

- принсипи таъмини сифат ва хизматрасонӣ мизоҷон;
- принсипи истифодаи самараноки захираҳо;
- принсипи навовариҳо ва рушди пайваста.

Бо назардошти таҳқиқи ҷузъҳои болозикршуда (шароитҳо, омилҳо, принсипҳо ва усулҳо) муаллифи рисола механизми баланд бардоштани рақобатпазии корхонаҳои саноатӣро барои таъмини рушди устувор ва дарозмуддати онҳо пешниҳод намуд. (Расми 1)

Таҳлили расми 1 нишон медиҳад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи пурраи ин механизм фақат барои корхонаҳои ҳаҷман калон самарабахш аст. Яъне, механизми баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатии хурду миена аз корхонаҳои калони саноатӣ фарқ мекунад ва дар ин раванд барои дастрасӣ ба рақобатпазирии баланд яке аз қисматҳои он ҳамчун зермеханизми ташкили- иқтисодӣ, ки истифодаи он ҳароҷоти камро талаб мекунад, бояд дар ҳамаи корхонаҳои саноатӣ роҳандозӣ шавад.




**Расми 1. - Механизми баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаи саноатӣ**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Дар маҷмӯъ, аз тарафи муаллиф алгоритми таҳия ва амалисозии стратегияи рушди корхонаи саноатӣ бо ҳадафи таъмини рақобатпазирӣ бо истифода аз механизми ташкилӣ-иқтисодӣ пешниҳод шуд (расми 2).




**Расми 2 – Раванди таҳия ва амалисозии стратегияи таъмини ракобатпазирии корхонаи саноатӣ бо истифодаи механизми ташкилӣ-иқтисодии он**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, алгоритми амалисозии стратегияи рушди корхонаи саноатӣ равандҳо ва унсурҳои гуногуни ҳамгироиро ва байниҳам алоқамандро дар мегирад ва имконият медиҳад, ки стратегияи корпоративии рушди корхонаҳои саноатӣ дар тамоми зинаҳо самаранок бо истифодаи механизми ташкили-иқтисодӣ татбиқ гардад.

**Дар боби дуюми диссертатсия – «Таҳлил ва арзёбии вазъи муосири рушди соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлил ва арзёбии рушди соҳаи саноатӣ Тоҷикистон ва зерсоҳаи саноати коркарди он дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт, рақобатпазирӣ ва бартариҳои рақобатии саноати коркард ва мақоми Тоҷикистон дар индексҳои ташкилотҳои байналмилалӣ таҳқиқ шудаанд.

Таҳлили муаллифи рисола нишон медиҳад, ки солҳои охир дар асоси татбиқи стратегияи саноатикунонии босуръати мамлакат соҳаи саноати ватанӣ рушд ёфта истодааст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи 2016-2023**

| Нишондиҳандаҳо/солҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2022 / 2016, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳо, адад | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 3453 | 169,0 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои соли 2022, млн. сомонӣ | 19650 | 23835 | 26362 | 29841 | 32467 | 39221 | 43025 | 46857 | 238,5 |
| Шумораи миенаи солонаи кормандони саноатӣ-истеҳсолӣ, ҳазор нафар | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87,5 | 108,2 |
| Ҳосилнокии меҳнат дар саноат, ҳазор сомонӣ | 242,9 | 274,6 | 308,0 | 354,4 | 385,1 | 459,8 | 498,6 | 535,2 | 220,3 |
| Суръати афзоиш нисбат ба соли 2016, бо % | 100,0 | 113,1 | 126,8 | 145,9 | 158,5 | 189,3 | 205,2 | 238,5 | |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. с.9.

Таҳлили ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст: дар соли 2023 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархҳои муқоисавӣ) 46,860 млрд. сомониро ташкил дод, ки ин қариб 2,4 маротиба нисбат ба соли 2016 зиёдтар аст; дар соли 2023 миқдори миёнаи солонаи қувваи кории саноатию истеҳсолии корхонаҳо 87,5 ҳазор нафарро ташкил дод, яъне 8,2% нисбат ба соли 2016 афзоиш ёфт; афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар саноат соли 2023 нисбат ба соли 2016 220,3% ташкил дод, ки яке аз нишондиҳандаҳои афзудани рақобатпазирии соҳаи саноат мебошад.

Лекин афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯи соҳаҳои асосии он дар давраи 2016-2023 нобаробар аст. (Ҷадвали 3)

**Ҷадвали 3. - Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯи соҳаҳои асосии он дар Тоҷикистон, млн. сомонӣ, бо нархҳои дахлдори сол**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2022 / 2016 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамоми саноат | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 | 38829 | 43025 | 46857 | 310,5 |
| Саноати истихроҷ | 3004 | 4524 | 4686 | 4853 | 4309 | 8409 | 8906 | 9336 | 310,8 |
| Саноати коркард | 9368 | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 22313 | 26497 | 28537 | 304,6 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ | 2718 | 3729 | 5688 | 6808 | 7527 | 8107 | 7622 | 8984 | 330,5 |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. с.9.

Таҳлили ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки агар дар давоми солҳои 2016-2023 ҳаҷми маҳсулот дар ҳамаи соҳаҳои саноат 3,1 маротиба афзоиш ёфта бошад, дар соҳаҳои саноати истихроҷ ҳаҷми маҳсулот қариб 3,4 маротиба, дар соҳаҳои саноати коркард ва аз рӯи истеҳсол ва тақсими электроэнергия, об, газ ва гармӣ 3,0 ва 3,3 маротиба зиёд шуд.

Суръати рушди саноати истихроҷ нисбат ба суръати рушди саноати коркард аз ҷалби бештари сармоягузориҳои мустақими ҳориҷӣ ( зиёда аз 75%) ба ин соҳаи саноати ватанӣ вобаста мебошад. Лекин, ин равандро ҳамчун манфӣ арзёбӣ кардан мумкин бо назардошти ақибмондани сурати рушди соҳаҳои саноати коркард, ки боиси боқимондани вобастагии иқтисодиети миллии Тоҷикистон аз омилҳои беруна, инчунин аз майли ашеии он, ки дорои иқтидори пасти истеҳсоли арзиши иловагӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ғайра мебошад, ки барои амалишавии ҳадафҳои миллӣ хатарҳои иловагиро ташаккул медиҳад (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4 - Динамикаи сохтории соҳаҳои саноати Тоҷикистон дар давраи 2021-2023, бо %, банди фоизӣ**

| | 2016 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2022/ 2016, бо %, б.ф. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамоми саноат | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - |
| Саноати истихроҷ | 19,9 | 19,6 | 17,6 | 13,9 | 21,6 | 20,7 | 19,9 | - |
| Саноати коркард | 62,1 | 56,6 | 57,8 | 61,7 | 57,5 | 61,6 | 60,9 | - 1,2 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ | 18,0 | 23,8 | 24,6 | 24,4 | 20,9 | 17,7 | | +1,2 |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. с.16. 2024.

Таҳлили ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки дар давраи 2016-2023 сохтори саноат ба тарафи манфӣ тағйир ёфтааст:

-ҳиссаи соҳаҳои саноати истихроҷ дар соли 2023 нисбат ба соли 2016 бета тағйир гарчанде дар соли 2021-2022 зиёдтар буд, мувафақият 21,6 ва 20,7%;

- ҳиссаи соҳаҳои саноати коркард ва истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ мутаносибан 0,5 банди фоизӣ (аз 62,1% соли 2016 то 61,6% дар соли 2023) кам шуда ва 1,2 банди фоизӣ (аз 18,0% то 19,2%) кам шуданд.

Ҳолон, ки маҳз рушди саноати коркарди Тоҷикистон бояд ба сарчашмаи асосии ташкили ҷойҳои кории самаранок дар саросари кишвар табдил ёфта, барои истифодаи пурраи маҳсулоти хоми ватанӣ ва дигар захираҳо заминаи мусоидро таъмин намояд.

Таҳлили муаллифи рисола нишон медиҳанд, ҳарчанд тамоюли афзоиши ҳиссаи шуғл дар саноати коркард мушоҳида шавад ҳам ( индикатори ҲРУ 9.2.2.), вале он динамикаи ноустувор дорад (Расми 3).




**Расми 3. - Динамикаи ҳиссаи шуғл дар саноати коркарди Тоҷикистон дар давраи 2015-2021, бо % нисбат ба шуғли умумӣ**

**Сарчашма:** Зеленое развитие для всеобщего процветания. Добровольный национальный обзор Таджикистана. 2023. С.29.

Таҳлили маълумотҳои расми 3 нишон медиҳад, ки ҳиссаи шуғл дар саноати коркарди Тоҷикистон дар давоми солҳои 2015-2017 0,9 банди фоизӣ афзоиш ёфта бошад, дар солҳои 2017-2021 он 0,1 банди фоизӣ кам шуд, ки ин тамоюли манфиро инъикос мекунад, гарчанде дар солҳои 2022-2023 ин нишондиҳанда зиёд шуда истодааст.

Арзиши иловашудаи саноати коркард барои ҳар як нафар аҳолӣ (бо доллари ИМА) ва ҳиссаи шуғл дар саноати коркард нисбат ба шуғли умумӣ ( бо % ) , аз ҷумла бо кишварҳое, ки сатҳи даромади баланд, миёна ва паст доранд, диққат ҷалбкунанда мебошад. (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. - Муқоисаи сатҳи рушди саноати коркарди Тоҷикистон дар заминаи рақобатпазирии глобалӣ (ҷаҳонӣ) ва минтақавӣ ( кишварҳои бо сатҳи баланди даромад , бо сатҳи миёнаи даромад, бо сатҳи пасти даромад ), дар соли 2021**

| Нишондиҳандаҳои рушди саноат дар заминаи рақобатпазирӣ | Ба ҳисоби миёна дар ҷаҳон | Дар Тоҷикистон | Нишондиҳандаҳои дахлдор аз нуқтаи назари гурӯҳи кишварҳои: | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | бо сатҳи баланди даромад | бо сатҳи миёнаи даромад | бо сатҳи пасти даромад |
| Ҳиссаи арзиши иловашуда, ки дар саноати коркард ташкил карда мешавад, бо % нисбат ба ММД | 17,0 | 15,0 | 14,4 | 21,2 | 9,9 |
| Арзиши иловашудаи саноати коркард барои ҳар як нафар аҳолӣ, бо доллари ИМА | 1854 | 136 | 6129 | 1206 | 72 |
| Ҳиссаи шуғл дар саноати коркард нисбат ба шуғли умумӣ, бо % | 13,1 | 3,5 | 13,3 | 14,8 | 5,3 |

**Сарчашма:** Ҳисоботи солонаи UNIDO 2021. Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди саноат. Вена, 2022. С.79,80.

Таҳлили ҷадвали 5 нишон медиҳад, ки:

- аз рӯи нишондиҳандаи арзиши иловашуда, ки дар саноати коркарди Тоҷикистон ташаккул меебад ва 15,0% ММД-ро ташкил медиҳад, ҳол он, ки он дар кишварҳо бо сатҳи миёнаи даромад ба 21,2% баробар аст, яъне 6,2 банди фоизӣ паст мебошад;

- аз рӯи нишондиҳандаи арзиши иловашудаи саноати коркард барои ҳар як нафар аҳолӣ, саноати коркарди Тоҷикистон андозаи 136 дол. ИМА-ро доро

буда, нисбат нишондиҳандаи ҷаҳонӣ (1854 дол. ИМА) ва нисбат ба кишварҳои дорои сатҳи миёнаи даромад ( 1206 доллари ИМА) каратҳо паст мебошад;

- аз рӯи нишондиҳандаи ҳиссаи шуғл дар саноати коркарди нисбат ба шуғли умумӣ дар иқтисод дар Тоҷикистон он баробари 3,5% буда, нисбат ба сатҳи ҷаҳонӣ ( 13,1% ) ва кишварҳои дорои сатҳи миёнаи даромад (14,8%) паст мебошад.

Яъне, Тоҷикистон, ки ҳоло дар сатҳи кишварҳои дорои сатҳи пасти даромад дохил мешавад, бояд ҳам бо кишварҳои муттараққии дорои саноати постиндурстриалӣ, инчунин бо  кишварҳои дорои бо сатҳи баланди даромад рақобат кунад.  Яъне,таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои зикршуда ва фарқияти мавҷуда дар байни онҳо оиди мавҷудияти захираҳои истифоданашуда ва имкониятҳои таъмини рақобатпазирии саноати коркарди миллиро инъикос карда, зарурияти истифодаи захираҳои корхонаҳои ин соҳаро талаб мекунад.

Бо истифода аз коэффитсиентҳои мутобиқгардонии (Км) соҳаҳои саноати минтақаҳо ва коэффитсиентҳои истеҳсоли сарикасӣ (Кс) (ҷадвалҳои 2.11 ва 2.12 дар рисола) ва бо истифодаи усули Б. Баласс роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар асоси ташкили кластерҳо, рушд ва тахассуси ин ё он бахшҳои саноат дар минтақаҳо истифода шудаанд (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. - Коэффитсиентҳои мутобиқгардонӣ (Км) ва истеҳсоли маҳсулот ба ҳар як нафар аҳолӣ (Кс) дар соҳаҳои саноати коркард дар сатҳи минтақаҳои Тоҷикистон, соли 2022**

| Саноати коркард | ХАТЛОН | | СУҒД | | ВМКБ | | ДУШАНБЕ | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Км | Кс | Км | Кс | Км | Кс | Км | Кс | Км | Кс |
| Хамаги, инчунин истеҳсоли: | 0,8 | 0,6 | 1,2 | 2,1 | 0,3 | 0,1 | 1,0 | 0,9 | 0,7 | 0,3 |
| маҳсулоти хӯрокворӣ | 0.5 | 0,4 | 1,4 | 2,4 | 0,5 | 0,2 | 1,0 | 1,0 | 0,5 | 0,2 |
| маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 2,0 | 1,6 | 0,7 | 1,2 | 0,2 | 0,1 | 0,5 | 0,5 | 0,3 | 0,1 |
| пӯст, маҳсулот аз пӯст ва пойафзол | - | - | 0,7 | 1,2 | - | - | 6,3 | 6,4 | 0,3 | 0,2 |
| коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯби | 0,4 | 0,4 | 0,8 | 1,6 | 0,8 | 0,3 | 3,0 | 3,1 | 1,0 | 0,5 |
| маҳсулоти селлюлозаю коғаз, нашриёт ва полиграфия | 0.2 | 0,1 | 0,2 | 0,4 | 0,5 | 0,1 | 8,5 | 8,5 | 0,3 | 0,2 |
| маҳсулоти нафт | 0.0 | 0,1 | 0,7 | 1,5 | - | - | - | - | 5,0 | 2,4 |
| маҳсулоти химиявӣ | 1,7 | 1,3 | 0,5 | 1,0 | 0,2 | 0,04 | 0,8 | 0,8 | 1,5 | 0,7 |
| маҳсулот резинӣ ва пластмасса | 0,5 | 0,5 | 1,0 | 1,7 | 0,1 | 0,04 | 0,9 | 0,9 | 2,1 | 1,0 |
| маҳсулоти ғайриметаллию минералӣ | 1,7 | 1,4 | 0,6 | 1,1 | 0,4 | 0,1 | 1,2 | 1,2 | 0,6 | 0,3 |
| маҳсулоти металлургӣ ва тайёр | 0,4 | 0,1 | 1,7 | 3,0 | 0,2 | 0,01 | 0,2 | 0,2 | 0,8 | 0,4 |
| мошинсозӣ | 1,1 | 0,9 | 0,1 | 0,2 | - | - | 5,9 | 5,5 | 1,2 | 0,5 |
| соҳаҳои дигар | 0,0 | 0,0 | 1,2 | 1,8 | 1,0 | 0,3 | 4,2 | 3,7 | 1,5 | 0,6 |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. с.14-16; с.31-32; с.32-33; с.33-34; с.35

Таҳлили ҷадвали 6 нишон медиҳад, ки андозаи коэффитсиентҳои аз ҳама зиёди мутобиқгардонӣ (Км) ва истеҳсоли маҳсулот ба ҳар як нафар аҳолӣ (Кс) **дар вилояти Хатлон** дар истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (2,0; 1,6), истеҳсоли маҳсулоти химиявӣ (1,7; 1,3), истеҳсоли маҳсулоти ғайриметаллию минералӣ (1,7; 1,4), мошинсозӣ (1,1; 0,9) дида мешавад. Инчунин, андозаи коэффитсиентҳои баланд ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва маҳсулоти тамоку (0,5; 0,4) рост меебад. Аз ин лиҳоз, муаллиф ба хулоса омадааст, ки бо назардошти дохил шудани ин маҳсулотҳо ба қатори соҳаҳои тахассусии вилояти Хатлон, истеҳсоли онҳо бо назардошти тамоюли афзудани талабот дар бозори доҳилӣ ва ҷаҳонӣ бояд ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатие, ки бо истеҳсоли онҳо машғул мебошанд, роҳандозӣ гардад бо истифодаи фишангҳои механизми ташкили -иқтисодӣ.

**Дар вилояти Суғд** ба қатори чунин махсулотҳо истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ (1,4; 2,4), маҳсулот аз резин ва пластмасса (1,0; 1,7), маҳсулоти металлургӣ ва маҳсулоти тайёри металлургӣ (1,7; 3,0), маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (0,7; 1,2), пӯст ва маҳсулотҳо аз пӯст ва истеҳсоли пойафзол (0,7; 1,2), коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулот аз чӯб (0,8; 1,6), маҳсулоти нафт (0,7; 1,5), химиявӣ (0,5; 1,0) ва маҳсулоти ғайриметаллию минералӣ (0,6; 1,1) дохил мешаванд.

**Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** коэффитсиентҳои баланд дар коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулот аз чӯб (0,8; 0,3) дида мешавад. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти нафт (5,0; 2,4), маҳсулоти химиявӣ (1,5; 0,7), маҳсулоти резинӣ ва пластмасса (2,1; 1,0), мошинсозӣ (1,2; 0,5) баланд буда, ба катори маҳсулот ва соҳаҳои тахассусӣ дохил мешаванд.

Оиди захираҳои мавҷудбуда инчунин нишондиҳандаҳо иловагӣ дар сатҳи корхонаҳои саноати коркард инъикос медиҳанд. Ҳоло, дар ҷумҳурӣ 18 корхонаҳои ресандагӣ бо иқтидори беш аз 80 ҳазор тонна коркарди нахи пахта дар реҷаи себаста дар як сол мавҷуд мебошанд. Лекин, аз онҳо танҳо 4 корхона: ҶДММ «Ҷавонӣ», ҶДММ «Сатн», ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик» ва ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд» бо сикли пурра, ҶСК «Ресандаи Қурғонтеппа» бо се зинаи коркард, ҶСП «Ресандаи Тоҷикистон РБТ» ва ҶСК «Бофандаи Норак» бо ду силсилаи коркарди нахи пахта фаъолият менамоянд. Бояд қайд кард, ки то ҳол истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ нокифоя арзёбӣ мегардад, ки аз сатҳи пасти рақобатпазирии корхонаҳои соҳа маълумот медиҳад (ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7.- Шумораи корхонаҳои дӯзандагӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва вазни қиесӣ онҳо дар минтақаҳои Тоҷикистон, дар соли 2022,адад, млн. сомонӣ, бо %**

| Минтақаҳо | Шумораи корхонаҳо, адад | Ҳаҷми истеҳсолот, млн. сомонӣ | Ҳаҷми миенаи истеҳсолӣ ба як корхона, млн. сом. | Вазни хоси, бо % |
|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **98** | **394,0** | **4,02** | **100,0** |
| ВМКБ | 8 | 4,8 | 0,6 | 1,2 |
| СУГД | 35 | 286,5 | 8,19 | 72,7 |
| ХАТЛОН | 32 | 50,5 | 1,57 | 12,8 |
| ДУШАНБЕ | 20 | 46,5 | 2,33 | 11,8 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| НТМ | 3 | 5,7 | 1,90 | 1,5 |

**Сарчашма:** Маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлили ҷадвали 7 нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон дар соли 2022 98 адад коргоҳҳои истеҳсолкунандаи либос фаъолият мебурд, вале истеҳсоли маҳсулоти дузандагӣ аз рӯи минтақаҳо хеле нобаробар тақсим буда, имконияти баландбардоштани рақобатпазирии корхонаҳо ва ҷалби занҳоро ба истеҳсолот дар минтақаҳои ақибмонда коҳиш медиҳад. Масалан, ҳаҷми миенаи истеҳсол, ки ба як корхона рост меояд дар Вилояти Суғд 8,2 млн. сомони буда, аз сатҳи миенаи ҷумҳуриявӣ 2 баробар зиёд аст. Дар дигар минтақаҳо ба ғайр аз Душанбе, бештар корхонаҳои миена ва хурд дида мешаванд, ки иқтидори баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо заиф буда, ба дастгирӣ ниез доранд, бо истифодаи механизми ташкилӣ-иқтисодӣ.

Муайян гардид, ки вазъи молиявии корхонахои пешқадами саноати дузандагӣ ташвиш овар аст. (Ҷадвали 8)

**Ҷадвали 8. - Нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳои пешқадами саноати дӯзандагии Тоҷикистон дар соли 2022, бо сомонӣ, %**

| Номгуи корхонаҳои пешқадами саноати дӯзандагии | Даромат аз фуруши махсулот, бо сомонӣ | Харочотхо, бо сомонӣ | Фоида/зарар (+/ -) бо сомонӣ | Даромандокӣ, % |
|---|---|---|---|---|
| ЧДММ «Чавонӣ» | 117113610 | 113048987 | + 4064623 | 3,6% |
| ЧДММ «САТН» | 108496509 | 113591122 | -5094613 | - |
| ЧДММ ИИ «Нассочии Точик» | 54620000 | 53616795 | + 1003205 | 1,9% |
| ЧДММ «Колинхои Кайраккум» | 124812389 | 118071284 | +6741105 | 5,7% |
| ЧСК «Гулистони Душанбе» | 564600 | 1049433 | - 4484833 | - |

**Сарчашма:** ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои расмии омори корхонахо (формаи 1-ФИ - фаъолияти истеҳсолӣ).

Таҳлили ҷадвали 8 нишон дод, ки даромаднокии корхонаи саноатии дузандагӣ нокифоя мебошад, бо назардошти зарурияти таъмини даромадноки дар сатҳи 15% , ки барои ворид намудани инноватсияҳо ва технологияҳои муосир , бе ҷалби захираҳоии ҷалбшуда мусоидат мекунад, инчунин:

- дар ҶДММ «Нассочи точик» он дар сатҳи 54,6 % мебошад, дар ҳолате, ки хачми фуруши махсулот маблаги зиёда аз 117 млн. сомониро ташкил медиҳад;
- дар корхонаи саноатии “Чавонӣ” он дар сатҳи 3,6 % баробар аст ва дар ҶДММ “ Қолинхои Кайроккум” - 5,7 %;
- дар ЧДММ «САТН» ва ҶСК «Гулистони Душанбе» натиҷаи молиявии манфӣ, яъне аз фаъолияти истеҳсолӣ зарари молиявӣ дида мешавад.

Муаяйн гардидааст, ки дар соли 2021 аз ҳаҷми умумии содироти маҳсулоти дӯзандагӣ 74% онро танҳо 2 адад корхонахо, яъне КМ ҶДММ «Ҷавонӣ» ва ҶДММ САТН, таъмин кардаанд. Аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти ҷуроббофӣ аз нуҳ корхона танҳо як адад корхона ( ҶДММ «Ваҳдат-текстайл»-и шаҳри Душанбе) ва маҳсулоти қолинбофӣ аз ҳафт адад корхонаҳо танҳо ду корхона (ҶДММ «Қолинҳои Қайроққум»-и шаҳри Гулистон ва ҶДММ

«Мавлонои Румӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ) содироти махсулоти ватаниро ба бозорҳои ҳориҷи таъмин намудаанд. Дар умум, аз 108 адад корхонаи соҳаи саноати сабук зиёда аз 75% маҳсулоти содиротшавандаро танҳо панҷ корхонаҳо таъмин мекунад. Дар маҷмӯъ, оиди ҳолати муосири рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар Тоҷикистон солхои 2017-2022 содироти он берун аз кишвар инъикос мекунад. (ҷадвали 9).

**Ҷадвали 9. - Динамикаи содироти маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар Тоҷикистон, солхои 2017-2022, ҳазор дол. ИМА**

| Маҳсулоти содиротшаванда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2022 | 2022/ 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нахи пахта | 121026 | 165303 | 139601 | 136450 | 202793 | 167,6 |
| Риштаи пахтагин | 34712 | 37819 | 40630 | 36094 | 51874 | 149,4 |
| Маҳсулоти дӯзандагӣ | 18676 | 19435 | 16216 | 20868 | 19418 | 104,0 |
| Пӯсти коркардшуда | 1990 | 2527 | 2655 | 2876 | 4111 | 206,6 |
| Матои пахтагин | 503 | 465 | 1056 | 1307 | 1670 | 3,3 бар. |
| Нахи абрешим | 243 | 1142 | 951 | 536 | 1553 | 6,4 бар. |
| Ҷӯробҳо | 189 | 346 | 434 | 552 | 1685 | 8,9 бар. |
| Маснуоти қолинӣ | 157 | 237 | 374 | 181 | 85 | 50,9 |
| Дигар маҳсулоти саноати сабук | 696 | 1540 | 1213 | 226 | 449 | 64,5 |
| **Ҳамагӣ, бо ҳаз. дол. ИМА** | **178192** | **229209** | **203130** | **199120** | **283684** | **159,2** |
| Аз он чумла: истеҳсоли нахи пахта, бо ҳаз. дол. ИМА | 121026 | 165303 | 139601 | 136450 | 202793 | 167,6 |
| Ҳиссаи он нисбат ба содироти умум, бо % | 67,9 | 72,1 | 68,7 | 68,5 | 71,5 | + 3,6 б.ф. |
| Маҳсулоти тайер, бо ҳаз. дол. ИМА | 19022 | 20018 | 17024 | 21601 | 21188 | 111,4 |
| Ҳиссаи он нисбат ба содироти умум, бо % | 10,7 | 8,7 | 8,4 | 10,8 | 7,5 | - 3,2 б.ф. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазорати саноат ва технологиям нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз таҳлили ҷадвали 9 бармеояд, ки:

- содироти маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар Тоҷикистон солхои 2017-2022 159,2 % , е ки ба андозаи 105,5 млн. дол. ИМА афзудааст;
- лекин аз маҳсулоти ниҳоӣ факат зиёд шудани истехсоли ҷӯробҳоро (8,9 бар.) ва нисбатан кам маҳсулоти дузандагиро мусбӣ арзёбӣ кардан мумкин аст;
- боқимонда афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар Тоҷикистон ба ашеи хом рост меояд;
- инчунин, агар содироти нахи пахта соли 2017 ба 121 026 ҳаз. дол. ИМА баробар буда, соли 2022 он то 202 793 ҳаз. дол. ИМА, е ки ба 167,6 % афзун гардида бошад, ҳиссаи он нисбат ба содироти умум аз 67,9 % то 71,5 %, ё ки ба 3,6 б.ф. зиёд гашт. Яъне, раванди содироти ашйёи ҳом идома ёфта истодааст, ҳол он, ки вазифаи коркарди пурраи он дар доҳили кишвар гузошта шудааст;

- ҳиссаи маҳсулоти тайер аз пахта дар содироти умум бошад дар солҳои 2017-2022 аз 10,7 % то 7,5 %, е ки ба - 3,2 б.ф. паст рафтааст.

Аз тарафи муаллифи рисола, дар асоси таҳлили якчанд рейтингҳои байналмилалӣ (индекси глобалии рақобатпазирӣ, индекси осонии пешбурди соҳибкорӣ (Doing business), аз рӯи индекси глобализатсия (Index of Globalization) , индекси озодии иқтисодӣ (Index of Economic Freedom), аз рӯи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ (Foreign Direct Investment)) хулоса бароварда шудааст, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои саноати коркарди миллӣ бояд фазои мусоиди сармоягузорӣ барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ роҳандозӣ гардад.

**Дар боби сеюми диссертатсия – «Самтҳои асосии мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди Тоҷикистон»** роҳҳои баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии онҳо, инчунин раванди ташаккули кластерҳои саноатӣ ҳамчун воситаи баландбардории рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои саноати коркард дар давраи миёна ва дарозмуддат пешниҳод гардиданд.

Таҳлил ва арзёбии вазъи рушди корхонаҳои саноати коркард дар кишвар дар замони муосир заминаи илмӣ мегузорад, то ки роҳҳои баландбардории рақобатпазирии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мушаххас карда шавад.

Мақсади асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ин гузариш ба модели рушди устувори истеҳсолоти саноатӣ дар мамлакат ва зиёд намудани саҳми ин соҳаи муҳим дар ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта ва амалисозии чор ҳадафҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пояҳои заруриро барои таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ, шуғли пурмаҳсул, диверсификатсияи истеҳсолот ва содироти молҳои саноатии ватанӣ ба бозорҳои беруна фароҳам меорад.

Барои ҳалли вазифаҳои номбаршуда ва роҳандозии чорабиниҳо оид ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард пеш аз ҳама, ***ҷалби маблағгузорӣ ба ин раванд*** зарур аст. Бо назардошти он ки, имкониятҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд аст, рушди инфрасохтори корхонаҳои саноатӣ истифодаи механизмҳои гуногуни сармоягузориро ***бо усули шарикии давлат ва бахши хусусӣ*** зарур мебошад. Он имконияти муттаҳидшавии иқтидори молиявии давлат ва бахши хусусиро бо истифодаи имтиёзу уҳдадориҳои тарафайн вогузор менамояд.

Мушкилоти мазкур садди рушди соҳибкории истеҳсолӣ гардида то ҳанӯз ҳалли пурраи худро пайдо накарда, дастгирии молиявии раванди таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии коркард мубрам боқӣ мондааст.

***Мукаммалгардонии асосҳои институтсионалии*** дастгирӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ ҳамчун яке аз роҳҳои баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии коркард ***роҳандозии робитаи самараноки илм ва истеҳсолоти саноатӣ хизмат*** менамояд. Дар ин раванд ташаккул ва рушди паркҳои технологӣ ва бизнес-инкубаторҳо барои ҷорисозии навгониҳо дар иқтисодиёт тавсеа мебахшанд. Дар баробари ин, тиҷоратикунонии моликияти зеҳнӣ тавассути фароҳамсозии шароити мусоид боиси истифодаи самараноки навгониҳои илмӣ дар истеҳсолот хоҳад буд.

***Фароҳамсозии инфрасохтори зарурӣ*** барои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии коркард тақвият бахшида, боиси ноилшавӣ ба саноатикунонии босуръат хоҳад гардид.

Ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ ва корхонаҳои саноатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дар заминаи ***мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии*** таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди таъмин мегардад (расми 4).




**Расми 4 — Нақшаи таъмини ҳамкории мутақобилаи сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва корхонаҳои саноатӣ дар раванди мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии ба таъмини рақобатпазирӣ нигаронидашуда**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Таҳлили расми 4 нишон медиҳад, ки дар раванди мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ вазифаҳо ва ҳадафҳои сохторҳои ҳокимият ва корхонаҳои саноати коркард баҳри таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард муайян карда шудааст.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ дараҷаи дахолати давлат ба фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ вобаста аст аз шароти макроиқтисодӣ. Дар шароити бухронӣ он афзун гардида, дар шароити муътадил он махдуд мегардад. Яъне давлат тавассути андешидани чораҳои ҳавасмандсозанда метавонад ба рушди истеҳсолоти саноатӣ ва рақобатпазии онҳо мусоидат намояд.

Муаллифи рисола муайян кардааст, ки дар шароитҳои муосир ноил шудан ба бартариҳои рақобат бо ташаккули кластерҳои агрорсаноатӣ ҳамчун воситаи баландбардории рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркард дар давраи миена ва дарозмуддат имконпазир аст. Ҳамчунин муайян карда шудааст, ки бартарии ташкили агрокластерҳо дар он аст, ки онҳо ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар сохтори ММД зиёд намуда, ҳиссаи соҳаро дар истеҳсолӣ арзиши иловашудаи низ баланд мекунад. Бо назардошти ин, дарояндаи миенамуҳлат то соли 2030 пешбинӣ шудааст, ки 6 адад кластерҳои нассоҷӣ-дӯзандагӣ дар Тоҷикистон ташкил шавад (ҷадвали 10).

**Ҷадвали 10. - Чадвали 3.5. - Ояндабинии ташаккули кластерњои нассоҷӣ-дӯзандагӣ ва нишодихандахои рушти онхо дар минтакахои Точикистон дар давраи то соли 2030**

| Нишондиҳандаҳо | Кластерҳои агросаноати дар ноҳияҳои | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Макони ташаккул | **Кӯлоб** | **Қубодиён** | **Ҷ. Балхӣ** | **Душанбе** | **Конибодом** | **Зафарободд** | **Ҳамагӣ** |
| Минтақаҳои вобасташуда | Кӯлоб, ФархорҲ амадонӣ, Восеъ | Қубодиё н, Шаҳриту сН. Хисрав | Ҷ. алхӣ, Ҷайҳун, Дӯстӣ | Шаҳрина в, Ҳисор, Турсунзо да, Вахдат, Рӯдакӣ | Конибод ом, Ашт, Б. Ғафуров | Зафарободд Спитаме н, Ҷ.Расуло | |
| Масоҳати замини кишти пубадона,га | 26100 | 16178 | 31546 | 3076 | 19749 | 26294 | **122943** |
| Иқтидори солонаи корхонаи пахтатозакунӣ,ҳаз. тн нахи пахта | 31,9 | 19,8 | 38,6 | 2,7 | 24,1 | 32,1 | **149,2** |
| Иқтидори солонаи корхонаи ресандагӣ, (ҳаз. тн ресмон | 27,1 | 16,8 | 32,8 | 2,3 | 20,4 | 27,2 | **126,6** |
| Иқтидори солонаи матои пахтаги, млн $м^2$ | 135,5 | 84 | 164 | 11,5 | 102 | 136 | **633** |
| Маблағисармоягузорӣ,млн доллари ИМА | 167 | 163,5 | 165,9 | 70,4 | 163,5 | 153 | **883,3** |
| Ҳосилнокии пахта аз ҳар гектар сентнер | 35 | 35 | 35 | 35 | 35 | 35 | **35** |
| Ҷамъоварии солонаи пахта, ҳаз. Тн | 91,3 | 56,6 | 110,4 | 10,8 | 69,1 | 92 | **430,2** |
| Шумораи ҷойҳои корӣ, адад | 25304 | 27624 | 26953 | 1553 | 27624 | 26342 | **135400** |

**Сарчашма:** Тахияи муаллиф дар асоси маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз таҳлили ҷадвали 10 бармеояд, ки бунёди 6 кластерҳои нассоҷӣ-дӯзандагӣ боиси ташкили 135 400 нафар ҷойҳои нави корӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли риштаи баландсифат то 126,6 ҳазор тонна, аз ин ҳисоб истеҳсоли матоъҳои рақобатпазир то андозаи 633 млн. м2 ва маҳсулоти тайёри дӯзандагӣ таъмин карда мешавад. Яъне, ташаккули кластерҳои агросаноатиро ҳамчун сарчашмаҳои рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини рақобатпазирии он арзёбӣ кардан лозим аст.

# ХУЛОСАҲО ВА ПЕШНИҲОДҲО

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур имконият дод, ки чунин хулосаҳои назариявӣ- методологӣ пешкаш карда шавад:

1. Рушди истеҳсолоти саноатӣ дар баробари афзоиши рақобат ба ташаккули асосҳои назариявӣ ва методологи ва низоми мантиқии пайвастаи консепсияҳои илмӣ оиди рақобат, ҳамчун муқарраротҳои бунёдӣ оид ба моҳияти рақобатпазирии корхонаҳо асос гузошт. Ҳамчун асосҳои назариявӣ дар самти рақобат ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ асарҳои классикон А. Смит, Д. Рикардо, А. Маршалл, Д.М. Кейнс, Й. Шумпетер қайд кардан зарур аст. [1- М; 3-М]

2. Тадқиқотҳои бунедии классикон бо назардошти пайдо гаштани омилҳои нав ва тағиротҳо дар иқтисодиети ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ, ки ба раванди рақобатпазири таъсир мерасонанд, боиси дар охири асри 20 ва аввали асри 21 пайдо гаштани таҳқиқотҳои муосир дар мавзуи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва консепсияҳои нав, гуногун ва бисёрҷанба, ки аз тарафи олимони хориҷӣ пешкаш карда шудаанд:

- стратегияҳои рақобатпазирии Портер М);
- моделҳои ба манбаъҳо асосёфтаи (RBV) Барни Ҷ;
- тақвияти қобилиятҳои динамикии Тенсе, Пизано, Шуен;
- истифодаи инноватсияҳо Шумпетер Ҷ.;
- консепсияи “Lean”-и Вомак ва дигарон;
- консепсияи маҳдудиятҳои Голдратт;
- консепсияи рақобатпазирии байналмилалӣ ва ҷаҳонишавии Кругман;
- консепсияи кластерҳои Портер;
- консепсияи рақамикунӣ ва автоматизатсияи Бриньолфсон, Макафи;
- консеисияи Industry 4.0и Кагерманн ва ғайра. [1- М; 2-М]

3. Аз тарафи муаллифи рисола мафҳуми “ рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун “маҷмӯи имкониятҳо ва афзалиятҳо дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоте, ки асоси рушди устувори дарозмуддат мебошад” ва мавҳуми “механизми ташкилӣ-иқтисодӣ” ҳамчун “маҷмӯи усулҳо, воситаҳо, фишангҳо ва шаклҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, ки бо истифодаи онҳо корхонаи саноатӣ сатҳи рақобатпазирии худро баланд мебардорад” пешниҳод шудааст. Барои таъмини раванди таҳлил ва арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ маҷмуи нишондиҳандаҳо барои истифода пешниход гардидаанд, ки ба якчанд гурӯҳи асосӣ таксим карда шудаанд. [1- М; 3-М]

4. Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир, ки ба таври динамикӣ, ё ки тағйирёбии шароитҳо ва омилҳои таъсирасон, бояд равиши системавро истифода кард. Шароите, ки ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таъсир мерасонанд, ба се гуруҳ, яъне ҷаҳонӣ, соҳавӣ ва дохилии корхона тақсим мешаванд. Омилҳое, ки ба рақобатпазирии корхонаҳо таъсир мерасонанд, ба ду гурӯҳ — омилҳои дохилӣ ва берунӣ тақсим мешаванд. Омилҳои берунӣ, ки аз муҳити беруна ба корхона таъсир мерасонанд ва аз ҷониби он танзим карда намешаванд. Омилҳои дохилӣ, ки ба фаъолияти дохилии корхона ва самаранокии идоракунӣ вобаста буда, имконияти аз ҷониби худи корхона назорати он ҷой дорад. Принсипҳои таъмини ракробатпазирии корхонаҳо чунин мебошанд: мутобиқшавӣ ва тағйирпазирӣ, сифат ва

мизоҷпарастӣ, истифодаи самараноки захираҳо, навовариҳо ва рушди пайваста, ки бояд онҳо риоя карда шаванд. [1- М; 3-М]

5. Аз тарафи муаллифи рисола механизми комплексии баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаи саноатӣ бо тамоми ҷанбаҳояш барои татбиқшавӣ дар корхонаҳои бузург ва миена коркард ва пешниҳод гардид. Барои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хурд ва соҳибкорони инфиродӣ раванди истеҳсолӣ бояд ба назардошти маҳдудияти иқтидори захиравии онҳо, алалхусус молиявӣ ва кадрӣ, хукумати миллӣ ва минтақаҳо тадбирҳои иловагӣ барои ташаккули инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ барои расонидани кумак барои баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо таъмин намоянд. Аз тарафи муаллифи рисола консепсия ва алгоритми таҳия ва амалисозии стратегияи рушди корхонаи саноатӣ бо хадафи таъмини рақобатпазирии онҳо бо истифода аз механизми ташкилӣ-иқтисодӣ пешкаш карда шуд, бо дар назардошти марҳилаҳо ва истифодаи усулҳои гуногун. [3- М; 4-М]

6. Соҳати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон як бахши бузурги иқтисодиети милли ҷумҳурӣ мебошад, ки дар баробари истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва техникӣ барои дигар соҳаҳо дар асоси коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, низ истеҳсоли молҳои истеъмолиро барои таъмини бозорҳои дохилӣ ва таъмини аҳолӣ роҳандозӣ менамояд. [3- М;5-М]

7. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст:

- дар соли 2023 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархҳои муқоисавӣ) 46,9 млрд. сомониро ташкил дод, ки ин қариб 2,4 маротиба нисбат ба соли 2016 зиёдтар аст;
- дар соли 2023 миқдори миёнаи солонаи қувваи кории саноатию истеҳсолии корхонаҳо 87,5 ҳазор нафарро ташкил дод, яъне 8,2% нисбат ба соли 2016 афзоиш ёфт;
- афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар саноат соли 2023 нисбат ба соли 2016 220,3% ташкил дод, ки яке аз нишондиҳандаҳои афзудани рақобатпазирии соҳаи саноат мебошад.[5- М; 8-М]

8. Дар давраи 2016-2023 суръати рушди саноати истихроҷ нисбат ба суръати рушди саноати коркард баландтар аст. Ин равандро ҳамчун манфӣ арзёбӣ кардан мумкин бо назардошти ақибмондани сурати рушди соҳаҳои саноати коркард аз саноати истихроҷӣ, ки ба афзудани ҳиссаи саноати истихроҷӣ нисбат ба саноати коркард оварда, боиси назардошти нигоҳ доштанӣ вобастагии иқтисодиети миллии Тоҷикистон аз майли ашеии он, ки дорои иқтидори пасти истеҳсолӣ арзиши иловагӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ғайра, ки барои амалишавии ҳадафҳои миллӣ хатарҳои иловагиро ташаккул медиҳад. [1- М; 10-М]

9. Дар давраи 2016-2022 бо назардошти рушди корхонаҳои саноати коркард масъалаи таъмини рақобатпазирии онҳо то ҳол ба талаботи муосир пурра ҷавобгуй намебошад ва қабули тадбирҳои иловагиро талаб мекунад. Дар Тоҷикистон ҳанӯз шароитҳои муфид барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатии коркард аз иқтидори механизми ташкилӣ-иқтисодӣ истифода намебаранд, ки ба ҳавасмандии пасти рушди самараноки онҳо аз тарафи давлат ва шарикони рушд таъсир мерасонад. Падидаҳои зикршуда

бештар бо ташаккул ва пурра наёфтани механизми ташкилӣ-иқтисодии корхонаҳои саноатии коркард ва субъектҳои беруни бо он алоқаманд, ки хусусиятҳои институтсионалӣ дорад, вобастагӣ доранд. Инчунин:

- низоми миллии дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии содирот ва ташкили муҳити рақобати озод то ҳол мукаммал нест;

- аксарияти корхонаҳои саноатии коркард, алалхусус, корхонаҳои хурду миёна, ки ба содирот нигаронидашудаанд, дар ҳолати паст ва бухронии молиявӣ қарор доранд ва ин боиси он, ки иқтидорҳои истеҳсолии онҳо навсозӣ намешаванд, чараёни татбиқи технологияҳои инноватсионӣ суст ба роҳ монда шудааст. [5- М; 11-М]

10. Дар байни кишварҳои ИДМ ба сафи кишварҳое, ки дар давоми давраи таҳлилшаванда мавқеъҳои рейтингии худро устуворона беҳтар мегардонанд, Тоҷикистон бо 17 банд дохил мешавад. Лекин дар доираи ин рейтинг Тоҷикистон дар байни 200 кишвари ҷаҳон ҷои 133-умро ишғол мекунад. Таҳлил нишон дод, ки дар соли 2021 аз ҳаҷми умумии содироти маҳсулоти дӯзандагӣ зиёда аз 74%-ро танҳо ба 2 адад корхонахо, яъне КМ ҶДММ «Ҷавонӣ» ва ҶДММ САТН, таъмин карданд. Аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти ҷуроббофӣ – аз нуҳ корхона танҳо як корхона – ҶДММ «Ваҳдат-текстайл»-и шаҳри Душанбе ва маҳсулоти қолинбофӣ – аз ҳафт корхона танҳо ду корхона – ҶДММ «Қолинҳои Қайроққум»-и шаҳри Гулистон ва ҶДММ «Мавлонои Румӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ. Яъне, зиёда аз 75% маҳсулоти содиротшавандаро танҳо панҷ корхона аз 108 корхонаи соҳаи саноати сабук таъмин мекунад [4-М;10-М]

11. Дар давараи 2016-2023 суръати рушди саноати истихроҷ нисбат ба суръати рушди саноати коркард баландтар аст. Ин равандро ҳамчун манфӣ арзёбӣ кардан мумкин бо назардошти ақибмондани суръати рушди соҳаҳои саноати коркард аз саноати истихроҷ, ки ба афзудани ҳиссаи саноати истихроҷ нисбат ба саноати коркард оварда, боиси нигоҳ доштанӣ вобастагии иқтисодиети миллии Тоҷикистон аз майли ашеии он, ки дорои иқтидори пасти истеҳсоли арзиши иловагӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ғайра, ки барои амалишавии ҳадафҳои миллӣ хатарҳои иловагиро ташаккул медиҳад. Дар давраи 2016-2022 бо назардошти рушди корхонаҳои саноати коркард масъалаи таъмини рақобатпазирии онҳо то ҳол ба талаботи муосир пурра ҷавобгуй намебошад ва қабули татбирҳои иловагиро талаб мекунад. [5- М;9-М]

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Ҳамчун роҳҳои асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии коркард дар Тоҷикистон ба давраи миена ва дарозмуддат инҳо бояд роҳандозӣ кард: таҳия барномаҳои комплексии рушд, ки ба соҳибкории истеҳсолӣ равона мебошад; таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард бо дастрасӣ ба маблағгузорӣ; тақвияти механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди инфрасохтори институтсионалӣ; мукаммалшавии асосҳои институтсионалии дастгирӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ; таъмини робитаи илм ва истеҳсолот, навсозии инфрасохтори инноватсионӣ (технопаркҳо, техно¬полисҳо), бунёди инфрасохторе, ки барои пайдо шудани стартапҳо мусоидат мекунад равона мебошад [4- М;11-М]

2. Барои таъмини рақобатпазирии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ татбиқи дастгирии иқтидори илмӣ ва тақвияти таъсиррасонии он ба рушди иқтисодии дар асоси модели таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола пешкаш шудааст, бояд роҳандозӣ гардад. [5- М;8-М]

3. Ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ ва корхонаҳои саноатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дар заминаи мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди бояд ҳамчун унсури муҳимтарини низоми муносибатҳои иқтисодӣ баромад карда, ки нақшаи таъмини он ва механизми ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва корхонаҳои саноатӣ аз тарафи муаллифи рисола пешкаш шудааст барои татбиқ дар амалия истифода гардад. [4- М;9-М]

4. Ташаккули кластерҳои саноатӣ дар ш. Кӯлоб, н.Қубодиён, н., Ҷ. Балхӣ, ш. Душанбе, ш. Конибодом ва н. Зафаробод ҳамчун воситаи баландбардории рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркард ва рушди минтақаҳо дар давраи миена ва дарозмуддат роҳандози шавад, бо назардошти афзудани нишондиҳандаҳои зерин:

- масоҳати замини кишти пунбадона– 122943(га)
- иқтидори корхонаи ресандагӣ - 126,6 ҳаз. тн ресмон
- ҷамъоварии солонаи пахта - 430,2 ҳаз. тн
- шумораи ҷойҳои корӣ - 135400 нафар арзёбӣ мегардад. [4- М;10-М]

5. Барои баланд бардоштани қобилияти рақобатии корхонаю соҳаҳои саноат бояд ташкил намудани корхонахои муштараки саноатии самти коркард ҳавасмандгардад. Дар ин росто, фаъолияти корхонаи муштараки Тоҷикистону Чин «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил» бо давраи пурраи коркарди нахи пахта то маҳсулоти дӯзандагии тайёр, ки маҳсулоти он на танҳо дар дохили кишвар, балки дар хориҷи кишвар ҳам рақобатпазири худро собит кардааст, ҳмчун намуна бояд истифода гардад. [4- М;11-М]

6. Ба сифати яке аз самтҳои муҳимми дастгирии давлатии корхонаҳои саноатии коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ҷорӣ намудани шаклҳои мухталифи дастгирии самараноки фаъолияти онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иштироки бевоситаи онҳо дар тавсеаи инфрасохтори истеҳсолӣ, роҳандозии шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд арзебӣ гардад. [4-М;11-М]

## ФЕҲРИСТИ МАҚОЛАҲОИ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ НАШРШУДА

### А) мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшаванда:

[1–М]. Нуриддинзода А.Н. Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир: ҷанбаҳои назариявӣ [Матн]/ А.Н Нуриддинзода.,Б.М Шарифзода.//«Экономика Таджикистана», Душанбе, 2023. № 3. С. 72-78. ISSN: 2310-3957

[2–М]. Нуриддинзода А.Н. Механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир. [Матн]/А.Н. Нуриддинзода //Ахбори Академияи миллии Тоҷикистон, № 1 (270)., 2023, с. 153-160.

[3–М]. Нуриддинзода А.Н. Асосҳои назариявии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир. [Матн] / А.Н Нуриддинзода., Б.М. Шарипов//«Экономика Таджикистана», Душанбе, № 4(2), 2022. С.43-49. ISSN: 2310-3957

[4–М]. Нуриддинзода А.Н. Таъмини рақобатпазириикорхонаҳои саноатӣ: шароитҳо, олмилҳо ва принсипҳо. [Матн] / А.Н. Нуриддинзода //"Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯза". Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 4 (80)., 2022, с. 183-193. ISSN 2075-9584

[5–М]. Нуриддинзода А.Н. Развитие сферы образовательных услуг и формирование конкурентной среды в Республике Таджикистан. [Матн] / А.Н. Нуриддинзода // Вестник Таджикского национального университета - 2/7, 2017, с. с.135-140.ISSN 2413-5151

**Б) в других изданиях:**

[5-М]. Нуриддинзода А., Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир. [Матн] / А. Нуриддинзода.// Конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои стратегии таъмини рушди устувори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ», Донишгоњи байналмилалии сайёњї ва соњибкории Тољикистон, Душанбе, 2024, (14-уми октябри соли 2024).с .680. С. 19- 27.

[6-М]. Нуриддинзода А.Н. Роль цифровизации банковского сектора в обеспечении ускоренного и сбалансированного развития промышленности Таджикистана. [Матн] / Б.М Шарифзода., А.Нуриддинзода, В.Абдусатори.//, Сборник материалов научно-практической международной конференции на тему " Приоритеты развития финансового сектора в условиях перехода к цифровой экономике (г. Душанбе, 7 - декабря 2023 года) – Душанбе, ТГФЭУ.-с. 378 , с.39-44

[7-М]. Нуриддинзода А.Н. Условия факторы и принципы обеспечения конкурентоспособности промышленных предприятий [Матн]/А.Н Нуриддинзода.// Материалы международной научно-практической конференции на тему "Стратегические направления развития инновационного предпринимательства в условиях глобализации", МУТПТ, Душанбе: 2022.-С.560-565

[9-М]. Нуриддинзода А.Н. Подходы к цифровой трансформации промышленного производства в условиях ускоренной индустриализации[Матн]/ А.Н. Нуриддинзода, Ф.А Джабборов.// Материалы республиканской научно-практической конференции на тему "Современные тенденции денежно-кредитных отношений и их влияние на экономическое развитие" (15 февраля 2020 года), С.121-125

[10-М]. Нуриддинзода А.Н. Пути повышения конкурентоспособности промышленных предприятий. [Матн] / А.Н. Нуриддинзода// Материалы международной научно-практической конференции "Проблемы обеспечения устойчивого сбалансированного развития мировой экономики: тенденции и перспективы". – Душанбе: ИПС, 28 октября 2019 года. С.3-6

ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА

**УДК:338.4:67(575.3)**

***На правах рукописи***



**НУРИДДИНЗОДА АХЛИДДИН НУРИДДИН**

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ МЕХАНИЗМОВ ОБЕСПЕЧЕНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ

**(на примере предприятий обрабатывающей промышленности Республики Таджикистан)**

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.04 – Отраслевая экономика
(08.00.04.01 – Экономика промышленности и энергетики)

**Душанбе – 2024**

Работа выполнена на кафедре экономики и управления Технологического университета Таджикистана.

**Научный руководитель:** **Шарифзода Бахром Махмуд,** доктор экономических наук, доцент, главный научный сотрудник Отдела теоретических исследований и международных экономических отношений, Институт экономики и демографии, Национальная академия наук Таджикистан

**Официальные оппоненты:** **КамиловСироджиддин Джалолиддинович**, доктор экономических наук, профессор, профессор кафедры экономической теории и международных отношений, Таджикско-Российский ( Славянский) университет в г. Душанбе

**Мухсинова Парвина Абдулкасимовна**, кандидат экономических наук, доцент кафедры международной экономики Худжандского государственного университета им. акад. Б. Гафуров

**Ведущая организация:** **Государственный университет права, бизнеса и политики в г. Худжанд**

Защита диссертации состоится 19.02. 2025 г. в $13^{00}$ на заседании диссертационного совета 6D.КОА-015 при Таджикском техническом университете имени академика М.С. Осими по адресу: Республика Таджикистан, 734042, г. Душанбе, ул. Академиков Раджабовых, 10.

С диссертацией и авторефератом можно ознакомиться на официальном сайте Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими (www.ttu.tj) и в библиотеке университета по адресу: Республика Таджикистан, 734042, г. Душанбе, ул. Академиков Раджабовых, 10.

Автореферат разослан «_____» ____________ 2025 года.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат экономических наук, доцент** **Ашурзода А.Н.**

## ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Обеспечение конкурентоспособности промышленных предприятий Республики Таджикистан является одним из важнейших и актуальных вопросов экономики страны. Повышение конкурентоспособности промышленных предприятий необходимо для их эффективной работы в условиях рыночной экономики и предполагает постоянный анализ ряда воздействующих факторов, который осуществляется с целью поиска путей повышения их конкурентоспособности.

Необходимым условием эффективной работы промышленных предприятий в условиях обострения конкуренции является их способность производить качественную продукцию. В этом смысле понятие качества включает в себя не только соответствие характеристик продукции требованиям потребителя, но и способность предприятия непрерывно и стабильно производить продукцию в течение определенного времени.

В современных условиях перед промышленными предприятиями Республики Таджикистан ставится вопрос обеспечения их конкурентоспособности и устойчивого развития на основе новой модели стратегического развития.

В этой связи следует отметить, что Основатель мира и национального единства-Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан в 2018 году заявил: что «...принимая во внимание важность промышленности в решении экономических и социальных проблем и создании рабочих мест, я предлагаю объявить ускоренной индустриализацию страны четвертой национальной целью”[2].

В то же время на промышленных предприятиях страны существует ряд важных проблем, среди которых можно отметить низкий уровень производительности труда, недостаточный объем инвестиций для разработки и внедрения инноваций, устаревшие производственные мощности, неразвитость системы стратегического управления и т.п.

Стоит отметить, что обеспечение конкурентоспособности промышленных предприятий является одной из важных целей хозяйствующих субъектов и требует обоснования современных подходов к разработке комплекса мер по повышению их конкурентных преимуществ. С этой точки зрения в современных условиях стимулирования экономической деятельности совершенствование организационно-экономического механизма обеспечения конкурентоспособности промышленных предприятий Республики Таджикистан в условиях ускоренной индустриализации считается весьма своевременным и актуальным.

**Степень изученности научной темы.** Анализ экономической литературы показывает, что общие теоретические и методологические вопросы

---

[2] Эмомалӣ Рахмон. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Рспублики Таджикистан в 2018 г. http://prezident.tj/node/19088

обеспечения конкурентоспособности предприятий исследованы в работах Кантильона, А. Смита, Ж.Б. Сея, Й. Шумпетера и Д. Рикардо, Дж.М. Кейнса, А. Маршалла, М. Фридмана, Ф. Хайека, К. Эрроу и другие.

Особый вклад в решении вопросов обеспечения конкурентоспособности предприятий внесли российские ученые, как Абалкин Л.И., Агеев А.И., Будрина Е.В., Бычков В.П., Гордина Ю.В., Петрова А.М., Раздорожный А.А., Троицкий Н.А., Туревский И.С., Федоров В.А., Чубуков А.Б. и др.

Некоторые аспекты развития предприятий и обеспечения их эффективности и конкурентоспособности изучены таджикскими исследователями, такими как академики Рахимов Р.К., Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., член-корреспондент НАНТ Саидмурадзода Л.Х., а также Рахимзода Ш., Рауфи А., Хоналиев Н.Х., Камилов С.Дж., Низамова Т.Д., Сафоев А.К., Махкамов Б.Б., Рабиева Т.Н., Шарифзода Б.М. и другие.

Несмотря на проблему решения вопросов обеспечения конкурентоспособности промышленных предприятий, некоторые ее теоретические и методологические аспекты в Республике Таджикистан только формируются. Данная ситуация требует создания основы для формирования и развития промышленных предприятий, а также обоснования стратегических направлений и механизма их государственной поддержки с учетом оценки внешних и внутренних факторов, оказывающих существенное влияние на эффективность промышленного предприятия.

**Связь исследования с программами (проектами) и научной тематикой.** Тема совершенствования организационно-экономического механизма обеспечения конкурентоспособности промышленных предприятий Республики Таджикистан в условиях ускоренной индустриализации разработана на основе реализации следующих государственных стратегий и программ и нормативно-правовых актов: Программа развития экспорта Республики Таджикистан на 2021-2025 годы, Стратегия развития промышленности Республики Таджикистан на период до 2030 года, Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на 2020-2025 годы, Концепция организации и развития агропромышленных кластеров в Республике Таджикистан на период до 2040 года, Приоритетные направления научной и научно-технических исследований в Республике Таджикистан на 2021-2025 годы (раздел экономических наук – пункты 1,7,8).

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Целью исследования** является усиление концептуальных подходов и совершенствование организационно-экономического механизма, обеспечивающего эффективность, конкурентоспособность и инновационное развитие предприятий обрабатывающей промышленности в условиях ускоренной индустриализации экономики Республики Таджикистан.

**Задачи иследования.** Для достижения цели диссертационной работы были определены и решены следующие задачи:

- рассмотреть теоретические аспекты формирования организационно-экономического механизма обеспечения конкурентоспособности

промышленных предприятий, выявить условия и факторы обеспечения их конкурентоспособности;

- анализировать и оценить состояние развития обрабатывающей промышленности Республики Таджикистан в условиях ускоренной индустриализации экономики;

- рассмотреть организацию промышленных кластеров как механизм повышения конкурентоспособности и инновационного развития предприятий сферы обрабатывающей промышленности;

- определить основные пути совершенствования институциональных и организационно-экономических механизмов обеспечения конкурентоспособности предприятий обрабатывающей промышленности Республики Таджикистан;

- предложить основные направления обеспечения эффективности и инновационного развития предприятий обрабатывающей промышленности в условиях ускоренной индустриализации.

**Объектом исследования** являются предприятия обрабатывающей промышленности Республики Таджикистан в условиях быстрой индустриализации экономики страны.

**Предметом исследования** являются организационно-экономические и управленческие отношения, которые выступают важными элементами системы промышленных предприятий в процессе обеспечения конкурентоспособности предприятий обрабатывающей промышленности.

**Гипотеза исследования.** Совершенствование организационно-экономического механизма на предприятиях обрабатывающей промышленности Республики Таджикистан как важного фактора повышения их конкурентоспособности в условиях усиления конкуренции, особенно со стороны иностранных производителей, способствует обеспечению ускоренной индустриализации и устойчивого инновационного развития национальной экономики, как основа повышения уровня жизни населения страны.

**Этапы, место и период исследования**. Диссертация выполнена на кафедре экономики и управления Технологического университета Таджикистана за 2014-2024 гг.

